**Маълумот**
**оид ба қарзи давлатӣ ва сармоягузориҳои давлатӣ**
**ба ҳолати 1 июли соли 2024**

Ҳаҷми умумии қарзи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳолати 1 июли соли 2024 маблағи 3,6 млрд доллари амрикоиро ташкил медиҳад, ки ин ба 26,7 фоизи ММД баробар мебошад *(барои муқоиса: ба ҳолати 1 январи соли 2024 – 30,2% буд).*

Аз ҷумла:

- 3,2 млрд доллар (89 %) - қарзи беруна;
- 0,4 млрд доллар (11 %) - қарзи дохилӣ.

Нишондиҳандаи мазкур аз рӯи сохтор

## ҚАРЗИ БЕРУНАИ ДАВЛАТӢ

Тибқи маълумот ҳаҷми умумии қарзи берунаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳолати 1 июли соли 2024-ум 3,2 млрд долларро ташкил медиҳад, ки ин ба 23,7 фоизи ММД баробар мебошад.

Нишондиҳандаи мазкур аз рӯи сохтор ба таври зерин ташаккул ёфтааст:

- қарзи бевоситаи давлатӣ 3 061,9 млн доллар;
- қарзҳо бо кафолати давлатӣ 140,1 млн доллар.

Дар нимсолаи якуми соли 2024 ҳаҷми умумии қарзи беруна, бо дарназардошти баргардонидани қарзҳо дар доираи як қатор лоиҳаҳо ва фарқияти қурбӣ маҷмӯан ба маблағи 41,3 млн доллар кам гардид.

Мушаххасан, тағйирёбӣ аз амалиётҳои зерин иборат мебошад, аз ҷумла:

- афзоиши азхудкунии маблағҳои қарзӣ: 76,4 млн доллар
- коҳишёбӣ аз ҳисоби фарқияти қурби асъор: 25,5 млн доллар
- коҳишёбӣ аз ҳисоби пардохти қарзи асосӣ: 92,2 млн доллар

Азхудкунии маблағҳо аз манбаъҳои зерин анҷом дода шудааст, аз ҷумла:

| | |
|---|---|
| - Бонки Умумиҷаҳонӣ | 13,0 млн доллар |
| - Бонки Осиёии Рушд | 1,2 млн доллар |
| - Бонки Исломии Рушд | 13,7 млн доллар |
| - Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд | 35,0 млн доллар |
| - Фонди СДСН (ОПЕК) | 3,0 млн доллар |
| - Бонки Аврупоии Сармоягузорӣ | 1,4 млн доллар |
| - Фонди Байналмилалии Рушди Кишоварзӣ | 1,8 млн доллар |
| - Бонки Осиёии Сармоягузории Инфрасохтор | 2,7 млн доллар |
| - Фонди Саудии Рушд | 0,3 млн доллар |
| - Кафолатҳои БАТР | 4,3 млн доллар |
| Ҳамагӣ: | 76,4 млн доллар |

Дар нимсолаи якуми соли 2024 барои хизматрасонии қарзи берунаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 135,0 млн доллар пардохт шудааст, ки аз он пардохти қарзи асосӣ 92,2 млн доллар ва фоизи қарз 42,8 млн долларро ташкил медиҳад.

Хизматрасонии қарзи берунаи давлатӣ аз манбаъҳои зерин анҷом дода шуд:

- аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ (танҳо барои пардохти қарзи берунаи бевоситаи давлатӣ) 131,2 млн доллар, аз ҷумла барои пардохти қарзи асосӣ 89,3 млн доллар ва фоизи қарз 41,9 млн доллар;
- аз ҳисоби муассисаю ташкилотҳои давлатӣ барои хизматрасонии қарзҳои таҳти кафолати давлатӣ ҷалбшуда 3,8 млн доллар, аз ҷумла барои пардохти қарзи асосӣ 2,9 млн доллар ва фоизи қарз 0,9 млн доллар.

Инчунин, ба сохтори қарзи беруна қарзҳои таҳти кафолати давлатӣ ҷалбшуда ворид гаридаанд, ки ба ҳолати 1 июли соли 2024 маблағи умумии 140,8 млн долларро ташкил медиҳад.

Аз ҷониби КВД «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» барои иҷрои уҳдадориҳои молиявӣ дар назди Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд то санаи

30 ноябри соли 2015 мустақиман 15,9 млн сомонӣ баробар ба 2,4 млн доллар пардохт гардида, қисмати боқимонда дар ҳаҷми 24,3 млн доллар аз сабаби пардохтнопазир гардидани ҳолати молиявии корхона, аз ҷониби Вазорати молия ҳамчун кафолатдиҳанда анҷом дода шуда истодааст.

Бо КВД «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» шартномаҳои иҷрои уҳдадорӣ ба имзо расонида шуда, пардохти қарз таҳти назорат қарор дорад.

Тибқи шартномаҳои баимзорасида, аз ҷониби КВД «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» дар назди Вазорати молия, маблағи қарзи асосӣ бо дарназардошти ҷарима ба миқдори 12,1 млн доллар пардохт гардид, аз ҷумла:

ҷаримаи пардохтшуда – 2,8 млн доллар

қарзи асосии пардохтшуда – 9,2 млн доллар

Боқимонда маблағи қарздории корхона дар назди Вазорати молия ба ҳолати 1 июли соли 2024 бо дарназардошти ҷаримаҳо 16,1 млн долларро ташкил медиҳад.

*Ҷадвали қарзи беруна замима шудааст (замимаи 1).*

## <u>ҚАРЗИ ДОХИЛИИ ДАВЛАТӢ</u>

Қарзи дохилии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳолати 1 июли соли 2024 маблағи умумии 4,3 млрд сомониро ташкил медиҳад, ки ин ба 3,0 фоизи ММД баробар мебошад.

Дар соли 2024 бо мақсади хизматрасонии қарзи дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҷмуан 501,2 млн сомонӣ, аз ҷумла аз ҳисоби хароҷоти буҷети ҷумҳуриявӣ 180,8 млн сомонӣ, аз ҳисоби фурӯши молу мулки ба моликияти давлат қабулгардидаи ҷамъиятҳои саҳомии кушодаи «Агроинвестбонк» ва «Тоҷиксодиротбонк» 320,4 млн сомонӣ пешбинӣ гардидааст.

Дар давраи ҳисоботи ҳаҷми умумии қарзи дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон 304,1 млн сомонӣ (пардохти қарзи асосӣ 275,4 млн сомонӣ ва фоиз 28,7 млн сомонӣ) кам гардид:

- иҷрои уҳдадориҳои аз руи векселҳои давлатӣ барои танзими 37 қарзҳои мушкилситони ҶСК «Агроинвестбонк» дар доираи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2012, №178, пардохти қарзи асосӣ ба маблағи 1,0 млн сомонӣ;

- иҷрои уҳдадории ҶСК «Тоҷиксодиротбонк» дар доираи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 декабри соли 2016, №527, дар маҷмуъ 156,9 млн сомонӣ, аз ин пардохти қарзи асосӣ ба маблағи 136,7 млн сомонӣ ва пардохти фоиз ба маблағи 20,2 млн сомонӣ;

- иҷрои уҳдадории ҶСК «Агроинвестбонк» дар доираи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 декабри соли 2016, №527, дар маҷмуъ 24,5 млн сомонӣ, аз ин пардохти қарзи асосӣ ба маблағи 16,8 млн сомонӣ ва пардохти фоиз ба маблағи 7,7 млн сомонӣ;

- пардохти боқимонда қарзи асосии векселҳои давлатии хазинадорӣ барои пӯшонидани касри буҷет дар доираи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 ноябри соли 2009, №627, пардохти қарзи асосӣ ба маблағи 49,9 млн сомонӣ ва фоиз ба маблағи 0,1 млн сомонӣ;

- аз ҳисоби хароҷоти буҷети ҷумҳуриявӣ пардохти қарзе, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2019 аз Бонки миллӣ ҷалб намудааст - пардохти қарзи асосӣ ба маблағи 71,0 млн сомонӣ ва пардохти фоиз ба маблағи 0,2 млн сомонӣ;

- пардохти фоизи Вомбаргҳои давлатии Вазорати молия (2 сола) бо рақами бақайдгирии D731030126 ба маблағи 0,6 млн сомонӣ;

Дар давраи ҳисоботи дороиҳои қарзии ташкилотҳои барҳамхурда ва бақияи қарзе, ки тавассути КВД БА ҶТ «Амонатбонк» ба муҳоҷирони дохилӣ ва экологӣ, хизматчиёни давлатӣ, омӯзгорони ҷавон ва гурезаҳо, ки солҳои қабли аз  ҳисоби буҷети давлатӣ ҷудо гардида буд ва он берун аз сохтори қарзи дохила мебошанд чунин аст:

Уҳдадориҳои 30 ташкилоту корхонаҳои беэътимодмонда, ки муҳлати умумии даъвояшон гузаштааст ва қарздории онҳо дар назди Буҷети

давлатӣ то инҷониб боқӣ мондааст, ҳамчун дороиҳои молиявии давлатӣ ҳисобида шудаанд, маблағи 450,1 млн сомониро ташкил медиҳанд.

Қарзи ташкилотҳои барҳамхурда, ки дар асоси қарорҳои дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати ҳисоббаробаркунӣ ба зиммаи Вазорати молия вогузор карда шудааст, аз он ҷумла:

- Дебиторҳо 72,3 млн сомонӣ;
- Кредиторҳо 54,6,0 млн сомониро ташкил медиҳад.

Ба ҳолати 1 июли соли 2024 тавассути КВД БА ҶТ «Амонатбонк» аз ҳисоби қарзҳои ба муҳоҷирони дохилӣ ва экологӣ, хизматчиёни давлатӣ, омӯзгорони ҷавон, гурезаҳо, ки тибқи қарорҳои дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки солҳои қаблӣ ва ҳамасола аз буҷети давлатӣ ҷудо мегарданд, дар маҷмуъ маблағи 93,0 ҳазор сомонӣ баргардонида шуд, ки аз он:

- муҳоҷирони дохилӣ ва экологӣ аз ҳисоби қарзи асосӣ дар ҳаҷми 39,0 ҳазор сомонӣ;
- омӯзгорони ҷавон аз ҳисоби қарзи асосӣ дар ҳаҷми 54,0 ҳазор сомонӣ;

Дар натиҷа, бақияи қарзҳои КВД БА ҶТ «Амонатбонк» ба ҳолати 1 июли соли 2024 маблағи 41,2 млн сомониро ташкил медиҳанд.

*Ҷадвали қарзи дохилӣ замима шудааст (замимаи 2).*

## ЛОИҲАҲОИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ

Ба ҳолати 1 июли соли 2024 дар ҷумҳурӣ 86 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ бо маблағи умумии 4,7 млрд доллари амрикоӣ, аз ҷумла 3,2 млрд доллар маблағи грантӣ, 1,4 млрд доллар маблағи қарзӣ ва 153,3 млн доллар саҳми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо ташкилотҳои байналхалқии молиявӣ мавриди татбиқ қарор гирифтаанд.

Аз лоиҳаҳои амалкунанда 751,7 млн. доллари амрикоӣ ба соҳаҳои иҷтимоӣ, 3,8 млрд доллари амрикоӣ ба соҳаҳои воқеии иқтисодиёт ва 128,7 млн доллари амрикоӣ ба дигар соҳаҳо равона гардиданд.

Дар семоҳаи дуюми соли 2024-ум аз ҳисоби лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ (бо қурби асъори буҷетӣ, яъне 1 доллари амрикоӣ баробар ба 13,21 сомонӣ) 3,3 млрд сомонӣ маблағҳо аз худ карда шудааст, ки ин ба 113,5 фоизи нақшаи тасдиқшудаи буҷети лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ барои семоҳаи дуюми соли 2024 баробар мебошад.

Аз ҷумла дар соҳаи:

- ҳокимият ва идоракунии давлатӣ, 3 лоиҳа ба маблағи умумии 85,7 млн доллари амрикоӣ амалӣ шуда истода, аз ин ҳисоб дар семоҳаи дуюми соли 2024-ум 115,5 млн сомонӣ маблағҳои қарзию грантӣ аз худ гардидааст;

- мудофиа, 1 лоиҳа ва лоиҳаи маблағгузории иловагии он ба маблағи умумии 43,0 млн доллари амрикоӣ амалӣ гардида, аз ин ҳисоб дар шаш моҳи соли 2024-ум 13,06 млн сомонӣ маблағи грантӣ аз худ гардидааст;

- маориф, 10 лоиҳа ба маблағи умумии 349,7 млн доллари амрикоӣ амалӣ шуда истода, аз ин ҳисоб дар шаш моҳи соли 2024-ум 191,4 млн сомонӣ маблағҳои қарзию грантӣ аз худ гардидааст;

- тандурустӣ, 8 лоиҳа ба маблағи умумии 323,9 млн доллари амрикоӣ амалӣ гардида истода, аз ин ҳисоб дар шаш моҳи соли 2024-ум 359,7 млн сомонӣ маблағҳои қарзию грантӣ аз худ гардидааст;

- хоҷагии манзилию коммуналӣ, 15 лоиҳа ба маблағи умумии 355,8 млн доллари амрикоӣ амалӣ гардида истода, аз ин ҳисоб дар шаш моҳи соли 2024-ум 275,5 млн сомонӣ маблағҳои қарзию грантӣ аз худ гардидааст;

- фарҳанг ва варзиш, 3 лоиҳа ба маблағи умумии 78,00 млн доллари амрикоӣ амалӣ гардида истода, аз ин дар шаш моҳи соли 2024-ум 139,4 млн сомонӣ маблағи грантӣ аз худ гардидааст;

- энергетика, 19 лоиҳа ба маблағи умумии 1,8 млрд доллари амрикоӣ амалӣ гардида истода, аз ин ҳисоб дар шаш моҳи соли 2024-ум 1,03 млрд сомонӣ маблағҳои қарзию грантӣ аз худ гардидааст;

- кишоварзӣ, 14 лоиҳа ба маблағи умумии 556,0 млн доллари амрикоӣ амалӣ гардида истода, аз ин ҳисоб дар шаш моҳи соли 2024-ум 255,4 млн сомонӣ маблағҳои қарзию грантӣ аз худ гардидааст;

- нақлиёт, 13 лоиҳа ба маблағи умумии 1,1 млрд доллари амрикоӣ амалӣ гардида истода, аз ин ҳисоб дар шаш моҳи соли 2024-ум 975,5 млн сомонӣ маблағҳои қарзию грантӣ аз худ гардидааст.

Ҳамкориҳо бо шарикони рушд низ дар ин давра тақвият дода шуда, дар шаш моҳи аввали соли 2024 – 18 созишномаи қарзию грантӣ барои татбиқ гардидани 8 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ ба маблағи – 459,9 млн доллари амрикоӣ ба имзо расонида шуд, ки аз он маблағҳои грантӣ – 93,2 млн доллар, маблағҳои қарзӣ – 354,7 млн доллари амрикоӣ ва саҳми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 12,0 млн доллари амрикоиро ташкил медиҳад.

*Ҷадвалҳои лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ замима шудаанд (замимаҳои 3 ва 4).*

## СОЗИШНОМАҲОИ ЗЕРҚАРЗӢ ВА ҚАРЗӢ

Ба ҳолати 1 июли соли 2024 маблағҳои баргардонидашуда аз ҷониби ташкилотҳо аз рӯи созишномаҳои зерқарзӣ ва қарзӣ тибқи ҷадвали пардохт дар маҷмӯъ 170,2 млн сомониро ташкил медиҳад (қарзи асосӣ 152,7 млн сомонӣ ва фоизи қарз 17,5 млн. сомонӣ).

Баргардонидани қарз аз рӯи созишномаҳои зерқарзӣ 170,2 млн сомониро ташкил медиҳад, аз ҷумла:

| Баргардонидани қарз аз рӯи созишномаҳои зерқарзӣ | |
|---|---|
| ҶСК «Барқи Тоҷик» | 95,9 млн сомонӣ |
| КВД «Обу корези Душанбе» | 11,7 млн сомонӣ |
| КВД БА ҶТ «Амонатбонк» | 1,1 млн сомонӣ |
| ҶСК «Помир Энерҷӣ» | 8,9 млн. сомонӣ |
| ҶСК «Ширкати Алюминийи Тоҷик» | 14,0 млн. сомонӣ |

| | |
|---|---|
| КВД «Роҳи оҳани Тоҷикистон» | 1,7 млн сомонӣ |
| ҶСК «НБО Роғун» | 35,2 млн сомонӣ |
| ҶСК «Тоҷиктрансгаз» | 1,7 млн сомонӣ |
| Ҳамагӣ | 170,2 млн сомонӣ |

Дар нимсолаи якуми соли 2024 аз уҳдадориҳои умумии молиявии ҶСК «Барқи Тоҷик», ки 574,1 млн сомониро ташкил медиҳад, ба ҳолати 1 июли соли 2024 ҳамагӣ 95,9 млн сомонӣ ё 16,7 фоизи уҳдадориҳо таъмин шудааст.

Бояд қайд намуд, ки аз маблағҳои мазкур 95,9 млн сомонӣ аз ҳисоби пардохти маблағҳои қувваи барқи ташкилоту муассисаҳои буҷетӣ *(суратҳисоби 197),* яъне аз ҳисоби Буҷети давлатӣ пардохт гардидааст.

Дар нимсолаи якуми соли 2024 қарздории КВД «Роҳи оҳани Тоҷикистон» аз рӯи созишномаи зерқарзӣ бо асъори доллари амрикоӣ дар маҷмуъ 4,5 млн доллар, аз ҷумла фоизи қарз 3,8 млн доллар ва ҷарима 717,3 ҳазор доллар, инчунин аз рӯи созишномаи зерқарзӣ бо асъори юани хитоӣ дар маҷмӯъ 18,8 млн юани хитоӣ, аз ҷумла фоизи қарз 16,0 млн юани хитоӣ ва ҷаримаи ҳисобшуда 2,8 млн юани хитоиро ташкил медиҳад.

Қарздории ҶСК «Ширкати Алюминийи Тоҷик» аз рӯи созишномаи зерқарзӣ бо асъори доллари амрикоӣ дар маҷмуъ 509,5 ҳазор доллари амрикоӣ, аз ҷумла фоизи қарз 465,5 ҳазор доллар ва ҷарима 44,0 ҳазор доллар ва аз рӯи созишномаи зерқарзӣ бо асъори юани хитоӣ дар маҷмӯъ 4,3 млн юани хитоӣ, аз ҷумла фоизи қарз 4,3 млн юани хитоӣ ва ҷаримаи ҳисобшуда 72,9 ҳазор юани хитоиро ташкил медиҳад.

Қарздории ҶСК «Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе» аз рӯи созишномаи зерқарзӣ дар маҷмуъ 20,9 млн евро, аз ҷумла қарзи асосӣ 12,9 млн евро, фоизи қарз 2,5 млн евро ва ҷарима маблағи 5,5 млн еврoро ташкил медиҳад.

Уҳдадории умумии ҶСК «Тоҷиктрансгаз» дар назди Вазорати молия аз рӯи 4 созишномаи зерқарзӣ дар нимсолаи якуми соли 2024 дар маҷмӯъ

18,8 млн доллар, аз ҷумла қарзи асосӣ 6,9 млн доллар, фоизи қарз 5,6 млн доллар ва ҷарима 6,3 млн долларро ташкил медиҳад.

Уҳдадории умумии ҶСК «НБО Роғун» дар назди Вазорати молия аз рӯи созишномаи зерқарзӣ дар нимсолаи якуми соли 2024 дар маҷмӯъ 184,8 млн доллар, аз ҷумла қарзи асосӣ 32,5 млн доллар, фоизи қарз 151,3 млн доллар ва ҷарима 1,0 млн долларро ташкил медиҳад.

Қарздории ташкилотҳо аз рӯи созишномаҳои зерқарзӣ дар маҷмӯъ 15,0 млрд сомонӣ (ё 1,4 млрд доллар) ва тибқи ҳалномаҳои судӣ аз рӯи созишномаҳои баитмомрасида дар маҷмӯъ 72,7 млн сомонӣ (ё 6,8 млн доллар) ташкил медиҳад.

*Ҷадвалҳои созишномаҳои зерқазӣ замима шудаанд (замимаҳои 5 ва 6).*

Вазорати молияи
Ҷумҳурии Тоҷикистон